# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Қосимов Муҳаммад Сафарович дар мавзӯи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо”, “Мактаби кӯҳна” ва “Аҳмади девбанд»-и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Мусаллам аст, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз он ҷумла, забони англисӣ хеле вусъат ёфтааст. Дар ин асос, омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии забонҳо вусъат гирифта, доираи пажуҳиши мавзуҳои гуногуни забонҳо пурратар шуда истодааст. Дар ин раванд, муносибатҳои гуногуни фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо сабаб шуда метавонанд, яъне дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯзиши муқоисавии забонҳо аз манфиат холӣ буда наметавонад.

Мушоҳида мешавад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ таваҷҷуҳи хос ба грамматикаи забонҳои низ дода мешавад, зеро грамматика асоси омӯзиши онро таъмин месозад.

Мавзуи интихобшудаи диссертатсия аз мавзуҳои мубрам маҳсуб меёбад, зеро пешояндҳо ва доираву дараҷаи корбурди онҳо дар забонҳои муқоисашаванда тафовут ва хусусиятҳои хос доранд. Пешояндҳо дар забони англисӣ шумораи зиёдеро дар бар гирифта, хосияти дигаргуншавии маъноиро доранд, яъне тобишҳои иловагии маъноӣ мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, ба назари мо дар заминаи асаҳои бевосита аз забони тоҷикӣ ба англисӣ тарҷумашуда таҳқиқ намудани онҳо мувофиқи матлаб мебошад. Аз як тараф, агар хусусиятҳои сохторӣ аён шаванд, аз тарафи дигар, хусусиятҳои маъноӣ дар таркиби матни бадеӣ возеҳтар нишон дода мешавад, ки боиси амиқ ифода гардидани маъно шуда метавонанд. Ин амал, дар баробари нишон додани хусусиятҳои сохторӣ ва маъноӣ то дараҷае ба тарҷума низ рабт дорад, зеро ҳамон як пешоянди забони англисӣ ва ё забони тоҷикӣ ҳамеша якранг тарҷума карда намешавад.

Бояд зикр намоем, ки масъалаҳои омӯзиши пешояндҳои забонҳои тоҷикиву англисӣ дар заминаи асарҳои бевосита тарҷумашуда мавриди таҳқиқи муқоисавӣ қарор нагирифтааст. аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур дар забоншиносии муқоисавӣ **навгонии илмӣ** маҳсуб меёбад.

Боби аввали диссертатсия **«Заминаҳои назарии омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, муҳаққиқ дар он давраҳои гуногуни таҳқиқи пешояндҳоро дар ҳарду забон ва дар

таърихи омӯзиши пешояндҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисиро мавриди баррасӣ ва пажуҳиш қарор додаст.

Мусаллам аст, ки омӯзиши муқоисавии пешояндҳо дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои интихобшудаи диссертатсия пажуҳиши васеъ ва амиқи илмиро дар заминаи ду забон тақозо мекунад, ки мавриди таваҷҷуҳ хос мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқи мавзӯъ бевосита дар раванди таълими забоншиносии муқоисавӣ мавриди истифода қарор гирифта, дар баробари ин, ҳангоми омӯзиши тарҷума ва назарияи он аз ҳамчун сарчашмаи асосии илмӣ асоснокшуда хизмат карда метавонанд.

Ҳадафи асосии муҳаққиқ, ки дар диссертатсия низ зикр шудааст, таҳқиқи пешояндҳо дар заминаи маводи мавҷуда ва тарҷумаи англисии асарҳо мебошад, ки муҳаққиқи диссертатсия бо истифодаи маводи тарҷумашудаи асарҳои бадеӣ ва илмӣ тавонистааст, ки таҳлили пурраи мавзуи интихобшудаи диссертатсияро гузаронад ва натиҷаҳои амиқи илмиро дар забонҳои таҳқиқшаванда ба даст оварад.

Боби дуввуми диссератсия **“Таҳлили маъноии пешояндҳо ва доираи корбурди онҳодар асарҳои бадеӣ («Ёддоштҳо”, “Мактаби кӯҳна” ва “Аҳмади девбанд»)”** ном дорад. Маълум аст, ки муҳаққиқи диссертатсия бар болои мавзуи интихобнамудааш ҷиддӣ кор бурда, дар ин замина чандин дастовардҳои илмиро низ пешниҳод намудааст. Дар боби мазкур пешояндҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи намунаҳо аз асарҳои бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии онҳо дар мисоли ҷумлаҳои бевосита тарҷумашуда нишон дода шуда, хусусияти фарққунанда доштани пешояндҳо, тобишҳои иловагии маъно пайдо намудани онҳо дар таркиби матн ва ба ҳамин монанд масъалаҳо таҳқиқ шудаанд. Дар раванди кор муҳақиқ тавонистааст, ки муҳтавои диссертатсияи худро дар шакли мақола ва баромад дар конфронсҳои сатҳи гуногун пешниҳод намояд.

Боби сеюми диссертатсия **“Доираи корбурди пешояндҳо дар таркиби ибораҳои феълии забони англисӣ ва муқоисаи маъноии онҳо бо матни асарҳои бадеӣ”** Таҳқиқоти Қосимов М.С. фарогири ҳадафҳо ва масъалаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда мебошад ва онҳо дар асоси нақшаи муайяни тарҳрезишуда пурра мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд ва натиҷаҳои он пешниҳод гардидаанд. Муҳаққиқ дар боби мазкур истифодаи пешояндҳоро бо маъно ва тобишҳои гуногун дар таркибҳои мухталиф таҳқиқ намудааст, илова бар ин, хусусияти фарққунанда доштани пешояндҳои забони англисиро дар таркиби таркиби ибораҳои феълии ин забон ба риштаи таҳлил кашидааст.

Муҳтавои диссертатсия ва фишурдаи он бо ду забон, тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд. Дар атрофи мавзӯъ, мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр шудаанд.

Диссертатсияи Қосимов М.С. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таълифи рисолаҳои диссертатсионии номзади илм пешбинӣ шудаанд, пурра ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ,

дотсенти кафедраи забони англисии

Коллеҷи техникии ДТТ ба номи

академик М.Осимӣ

Туйғунов Носир Ҳақбердиевич

20.09.2022с

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Айнӣ 41
Тел: (99237) 2218914
Тел: 935551304
www.tkttu.tj

Имзои Н. Ҳ. Туйғуновро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва корҳои махсуси КТДТТ
ба номи академик М.Осимӣ

Сангов С.А.